Бо Қарори Шӯрои нозирони
Хазина аз «19» _02_ с.2021,№9
**“тасдиқ шудааст”**

Тағйиру иловаҳо бо Қарори
Шӯрои нозирони Хазинаи
суғуртаи амонату
пасандозҳои Тоҷикистон
аз “19” июни соли 2023, №11
“тасдиқ шудааст”

# Кодекси одоби хизматӣ ва этикаи кории кормандони Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон

## Боби 1. Муқаррароти умумӣ

1. Кодекси одоби хизматӣ ва этикаи кории кормандони Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (минбаъд - Кодекс) мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо”, меъёр ва принсипҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба одоби хизматӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, он ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқии дохилӣ маҷмӯи меъёрҳо, арзишҳо, принсипҳо ва қоидаҳои рафтори хизматӣ ва этикаи кориро дар Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (минбаъд – Хазина) ба танзим медарорад.

2. Мақсади асосии Кодекс аз таъмини риоя гардидани одоби хизматӣ, принсипҳои этикӣ ва арзишҳои корӣ (корпоративӣ) дар Хазина, иҷрои босазои вазифаҳои меҳнатӣ баҳри таъмини фаъолияти самаранок, ҳифз ва таҳкими обрӯ, эътимод ва эътибори Хазина иборат аст.

3. Муқаррароти Кодекси мазкур нисбат ба ҳамаи кормандони Хазина новобаста аз мансаби ишғолнамуда татбиқ мегардад.

4. Риояи принсипҳо ва муқаррароти Кодекси мазкур қисми ҷудонопазири фарҳанги кории (корпоративии) Хазина ва яке аз

меъёрҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти касбӣ ва рафтори хизматии кормандон ҳисобида мешавад.

5. Дар Кодекс мафҳумҳои асосии зерин истифода бурда мешаванд:

- **қоидаҳои одоби хизматӣ** – меъёрҳои одоби хизматӣ (касбӣ), иҷрои фаъолияти корӣ, ки барои кормандони Хазина мутобиқи қонунгузорӣ, расмиёт ва меъёрҳои ахлоқии аз ҷониби умум эътирофшуда муқаррар карда шудаанд;

- **этикаи корӣ (корпоративӣ)** – меъёрҳо, принсипҳо ва талаботҳои асосӣ, ки ба ташаккули стандартҳои ягонаи этикии фаъолияти Хазина равона шудаанд, қоидаҳои одоби хизматии ҳамаи кормандони Хазина, ки муносибати софдилона ва одилонаро нисбат ба кормандон, аҳли ҷомеа, ташкилотҳои қарзӣ, пасандоздорон, мурочиаткунандагон, шарикон, инчунин риояи қонунҳо ва ҳуҷҷатҳои дохилиро таъмин менамоянд;

- **фарҳанги корӣ** – маҷмӯи арзишҳо ва меъёрҳои корпоративӣ, одобу рафтор ва қоидаҳои ахлоқии муайянкунандаи принсипҳо ва муносибатҳои корӣ, ки аз ҷониби ҳамаи кормандон бечунучаро қабул ва риоя карда мешаванд;

- **бархӯрди манфиатҳо** – ҳолати манфиатдории шахсии корманди Хазина, ки метавонад барои ба таври сазовор, холисона ва беғараз иҷро намудани вазифаҳои хизматӣ ва ҳангоми қабули қарори муносиб таъсир карда, боиси расондани зарар ба манфиатҳои Хазина гардад;

- **манфиати шахсӣ** – имконияти қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти шахсӣ, гирифтани ҳаргуна манфиати молиявӣ, пулӣ, моддӣ ва ғайримоддӣ аз ҷониби корманди Хазина ва ё хешовандони наздики он дар муносибат бо дигар шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ё ташкилотҳои байналмилалӣ, ки бо онҳо корманд ва ё шахсони наздики он муносибати моддию ғайримоддӣ доранд, дар назар дошта мешавад;

- **корманди Хазина** – кормандони Хазина, шахсони бевосита роҳбарикунанда, роҳбарони воҳидҳои сохторӣ ва дигар кормандони тибқи шартнома амалкунандаи Хазина.

## Боби 2. Арзишҳои корӣи (корпоративии) Хазина

6. Бо дарназардошти оне, ки ваколатнокии Хазина аҳамияти иҷтимоӣ ва иқтисодиро дошта, фаъолияти он бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии пасандоздорон ва таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст, мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ арзишҳои корпоративии зерини Хазинаро метавон муайян кард:

– **поквиҷдонӣ ва садоқат** - дар истифодаи софдилона ва беғаразонаи маблағҳо ва захираҳо, идораи молия ва амалиётҳо, пешбурди раванди корӣ бо назардошти касбият, салоҳиятнокӣ ва сифатнокӣ дар пешбурди фаъолияти кории Хазина;

– **масъулиятнокӣ** - дар ҳамаи ҷабҳаҳои фаъолияти корӣ, аз он ҷумла дар иҷрои босифати вазифаҳо, қабули қарорҳо, натиҷаҳои молия ва идораи маблағҳои Хазина;

– **шаффофият** - дар фаъолияти Хазина, аз он ҷумла дар расонидани маълумоти дақиқу пурра ҷиҳати таъмини эътимоднокии идоракунии фаъолияти корӣ ва равандҳои қабули қарорҳо;

– **ҳамкорӣ ва фарогирӣ** - дар ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии пасандоздорон, муносибат бо аҳли ҷомеа, ташкилотҳои қарзӣ, муроҷиаткунандагон ва шарикон.

## Боби 3. Принсипҳои асосии одоби хизматии кормандони Хазина

7. Кодекси мазкур ба принсипҳои зерини одоби хизматӣ асос меёбад ва кормандони Хазина ӯҳдадоранд дар фаъолияти хизматӣ ва ғайрихизматӣ онҳоро ба роҳбарӣ гиранд:

- **қонуният** – риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ;

- **обрӯ ва эътибор** – фаъолияти меҳнатии кормандон ва идоракунии Хазина бояд ба нигоҳдории обрӯ ва эътибори мусбии Хазина мусоидат намояд;

- **ба манфиати Хазина амал кардан** – баҳри таъмини фаъолияти самараноки Хазина, риоя ва ҳимояи манфиатҳои он дар доираи ваколатҳои пешбинишуда ва ҳангоми иҷрои вазифа;

- **поквиҷдонӣ ва беғаразӣ** – татбиқи идоракунии самаранок, роҳ надодан ба бархӯрди манфиатҳо, амалҳои коррупсионӣ, аз рӯи таъинот ва ба нафъи умум истифода кардани воситаҳои моддию пулӣ, беғараз будан дар қабули қарорҳо;

- **таҳаммулпазирӣ** – эҳтиромона муносибат намудан бо ҳамкорон ва шарикон, эҳтиром ва дуруст дарк намудани фарҳангҳои мухталиф, рафтор, одат, ақида, дин;

- **касбият ва салоҳиятнокӣ** – доштани донишҳои мушаххаси касбӣ, тахассус, маҳорат, малака, сифатҳои ташкилотчигӣ, ташаббускорӣ, шахсӣ, қобилияти идоракунӣ, маҳорати роҳбарӣ ва ботаҷрибагӣ, ки асоси иҷрои муваффақонаи вазифа ва уҳдадориҳои мансабӣ мегарданд;

- **пешсафӣ** – ташаббускорӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои меҳнатӣ ва қабули қарор, қабул намудани қарори дахлдор дар ҳолатҳои душвор, омодагӣ барои ба зимма гирифтани масъулият аз рӯи натиҷаҳои фаъолият ва рушди Хазина, расидан ба ҳадафҳои гузошташуда, дар риояи принсипҳои мазкур пешсаф ва намунаи ибрат будани шахсони роҳбарикунанда;

- **афкори стратегӣ** – ба таври умум нигоҳ ва баҳодиҳии вазъу равандҳо, алоқамандии байни рӯйдодҳо ва падидаҳо, хавфҳо ва имкониятҳо, хулосабарории дуруст дар асоси таҳлилҳо.

## Боби 4. Қоидаҳои одоби хизматии кормандони Хазина

8. Одоби рафтори хизматӣ бевосита бо масъулиятнокии корманд барои одилона ва софдилона амал кардан баҳри расидан ба мақсадҳои Хазина алоқаманд аст. Бинобар ин, кормандони Хазина вазифадоранд:

- бо назардошти риояи арзишҳо ва принсипҳои Кодекси мазкур, мутобиқи меъёрҳои олии одоб, интизоми хизматӣ, масъулиятнокӣ ва кордонӣ рафтор намоянд;

- дар фаъолияти касбии худ поквиҷдонона, одилона, беғаразона ва ба манфиати Хазина амал намуда, аз амалҳое, ки метавонанд ба вазифаҳои онҳо дар назди Хазина таъсири манфӣ расонанд ё ба шаъну шараф, обрўю эътибори Хазина иснод оваранд, ҷилавгирӣ кунанд;

- талаботҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, конунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Хазинаро риоя намоянд;

- қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатиро риоя карда, фармону дастурҳои роҳбариятро саривақт иҷро намоянд;

- сиёсати Хазинаро оид ба бархӯрди манфиатҳо риоя ва ҳамавақт ҷиҳати пешгирӣ ва роҳ надодани ҳолатҳои бархӯрди манфиатҳо чораандешӣ намоянд;

- кӯмак ва иттилооти заруриро ба воҳидҳои сохтории дахлдори Хазина оид ба риояи талаботи одоби хизматӣ ва бархӯрди манфиатҳо расонанд;

- аз истифодаи мақоми хизматӣ, зуҳури ғарази шахсӣ, худнамоӣ ва амалҳое, ки ба иҷрои софдилонаи вазифаҳои меҳнатӣ халал мерасонанд, худдорӣ намоянд;

- пайваста ҷиҳати таъмини идоракунии самаранок ва сарфакоронаи захираҳои молиявию моддӣ ва дигар моликияти Хазина кўшиш ба харҷ диҳанд, воситаҳои ба онҳо пешниҳодшударо (шабакаи Интернет, шабакаи дохилӣ, почтаи электронӣ, телефон, факс, нусхабардор ва дигар таҷҳизот, воситаҳои нақлиёти хизматӣ, арзишҳои моддию ғайримоддӣ) барои манфиатҳои хизматӣ истифода намоянд;

- ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф, эҳтиром, риоя ва ҳифз намояд, ба таърихи кишвари худ, ба урфу одатҳои миллӣ ва фарҳангӣ эҳтиромона муносибат намоянд;

- нисбати мурофиатҳо ва дархостҳои қонунии шаҳрвандон таҳаммулпазирона, боэҳтиром, бодиққат ва бомасъулият муносибат кунанд;

- аз изҳороти оммавӣ, арзёбӣ ва баҳодиҳӣ нисбати Хазина худдорӣ кунанд, агар ин ба уҳдадориҳои корманд дохил набошад;

- ҳангоми интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо ба хешутаборчигӣ, маҳалгарой ва пуштибонӣ ҳамчун зуҳуроти кирдорҳои коррупсионӣ роҳ надиҳанд;

- дар вақти корӣ ба ягон ташкилот, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ машварат ва ё дилхоҳ хизматрасониро дар шакли тавсияҳо, хулоса, таҳияи ҳуҷҷат, намояндагӣ дар судҳо ва дигар намудҳои хизматрасонии пулакӣ ё ройгон пешниҳод накунанд, агар ин бо вазифаҳои хизматӣ пешбинӣ нашуда, ба фаъолияти ҷории Хазина монеа ё зарар оварад, хилофи муқаррароти пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад;

- аз таъсири шаҳрвандони алоҳида, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ вобаста набошанд;

- дилхоҳ маълумоти дорои хусусияти махфӣ, аз ҷумла иттилооти марбут ба кор, фаъолият ва масъалаҳои дохилии Хазинаро, ки дар сурати ошкор шудани он метавонанд ба Хазина ё ба обрӯ ва эътибори вай зарар расонанд, ифшо накунанд.

9. Кормандони Хазина, ки вазифаи роҳбарикунандаро ишғол менамоянд, бояд:

- барои кормандон ҳамчун намунаи ибрати корӣ обрӯи беайб дошта бошанд, бо рафтори худ намунаи ростқавлӣ, беғаразӣ ва адолатро нишон диҳанд;

- барои дар коллективи корӣ пойдор будани фазои солими маънавию равонӣ мусоидат намоянд;

- барои пешгирӣ ва ҳалли бархӯрдҳои манфиатҳо дар Хазина, пешгирии коррупсия, аз ҷумла чораҳои пешгирии рафтори коррупсионӣ ва хатарнокро андешанд;

- ҳангоми муайян кардани ҳаҷм ва хусусияти кори ба зиммаи кормандони Хазина гузошташаванда, аз рӯи принсипҳои адолат ва бо назардошти сифатҳои шахсию корӣ, тахассус ва таҷрибаи кормандон амал кунанд;

- ба риояи одоб ва ташкили шароити мувофиқ барои кори тобеони худ мусоидат намоянд;

- нисбат ба кормандони тобеъ даъвоҳои беасос, дағалӣ ва беодобиро роҳ надиҳанд, нисбат ба онҳо ғамхорӣ зоҳир намуда, ба мушкилот ва эҳтиёҷоти онҳо таваҷҷуҳ кунанд, ба пешравии касбию хизматии кормандон, бахусус мутахассисони ҷавон мусоидат намоянд.

10. Танқиди камбудиҳои ҷойдоштаи корӣ аз ҷониби роҳбар ё ҳамкорон бояд объективона ва ҷиддӣ бошад ва аз тарафи корманд дуруст қабул, дарк ва хулосабарорӣ карда шавад.

11. Хазина муҳити бехатар ва солими кориро дастгирӣ мекунад ва истифодаи маводҳои тамокукаширо дар биноҳои худ иҷозат намедиҳад. Кормандони Хазина бояд вақт ва шумораи танаффусҳои тамокукаширо дуруст ба роҳ монда, аз он суйистифода накунанд.

12. Ҳузури кормандони Хазина дар кор дар ҳолати мастигарӣ, истифодаи дору ё дигар маводҳои ғайриқонунӣ қатъиян манъ аст.

13. Кормандони Хазина танҳо бо рухсатӣ ё иҷозати пешакии роҳбарият метавонанд дар кор ҳозир набошанд. Ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолатҳое, ки барои ба таври зарурӣ гирифтани иҷозатро аз кор монеъ мешаванд, роҳбарият бояд фавран дар ин хусус огоҳ карда шавад.

## Боби 5. Этикаи кории кормандони Хазина

14. Фарҳанги корпоративӣ, аз ҷумла одоб ва этикаи хизматӣ афзалият ва самти масъулияти ҳар як корманд мебошад. Кормандони Хазина бояд:

- меъёрҳои этикӣ ва қоидаҳои одоби хизматиро риоя кунанд, хушмуомила, хайрхоҳ, дурустрафтор, устуворақида ва бодиққат бошанд, дар муносибат бо шаҳрвандон ва ҳамкорон, кормандони ташкилотҳои дигар таҳаммулпазирӣ ва беғаразӣ нишон диҳанд;

- ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро, ки арзишҳои олӣ мебошанд, эҳтиром ва ҳифз намоянд;

- бо рафтори худ барои дар миёни коллективи корӣ нигоҳ доштани фазои мусоидаткунандаи корӣ, муносибатҳои шарикӣ, ҳамкориҳои созанда, эҳтиром ва дастгирии ҳамдигар мусоидат кунанд;

- ба хусусиятҳои фарҳангӣ ва урфу одатҳои мухталиф таҳаммулпазир ва боэҳтиром бошанд;

- дар фаъолияти худ санъати сухан ва қоидаҳои умумии муоширатро риоя кунанд;

- барои дар ҳамаи ҳолатҳо нигоҳ доштани шаъну шарафи худ кӯшиш кунанд ва дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ намунаи ибрат, одоб ва ростқавлӣ бошанд;

- аз робитаҳои шахсӣ ва молиявие, ки ба иҷрои софдилонаи вазифаҳои меҳнатӣ халал мерасонанд ва ба шаъну шарафи онҳо, эътибори Хазина таъсири манфӣ мерасонанд, канорагирӣ кунанд;

- ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои вазифавӣ ба муносибати дағал, нописандӣ, беэътиноӣ, такаббурӣ, эродҳои ғаразнок ва айбҷӯӣ, инчунин таҳдидҳо, суханони таҳқиромез ва амалҳое, ки ба муошырати муқаррарӣ халал мерасонанд ё рафтори ғайриқонуниро бармеангезанд, роҳ надиҳанд;

15. Кормандони Хазина бояд ба намуди зоҳирии худ аҳамияти ҷиддӣ диҳанд ва пӯшидани либосро мутобиқ ба расмиёти қабулшудаи корӣ риоя кунанд, ки ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои вазифавӣ, вобаста аз шароити иҷрои онҳо, симои касбии Хазинаро инъикос намуда, ба муносибати эҳтиромонаи шаҳрвандон нисбат ба Хазина мусоидат кунад.

## Боби 6. Риояи Кодекси мазкур ва назорат аз болои он

16. Кормандони Хазина вазифадоранд бо Кодекси мазкур шинос шуда, ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти хизматӣ тамоми чораҳои зарурииро барои риояи талаботи принсипҳо ва қоидаҳои муқаррарнамудаи он андешанд.

17. Кормандони Хазина бояд ба роҳбари худ дар бораи муроҷиати шахсон бо мақсади моил кардани онҳо барои содир намудани

кирдорҳои ғайриқонунӣ ё кирдоре, ки хилофи талаботи Кодекси мазкур аст, инчунин доир ба ҳама гуна далелҳои маълумшудаи қонунвайронкунӣ аз ҷониби кормандони дигари Хазина, маълумот диҳанд.

18. Ҳар як корманди Хазина ҳангоми ба кор қабул шудан бояд тасдиқнома оиди шиносоӣ ва риояи талаботи Кодексро тибқи намунаи дар замимаи Кодекси мазкур овардашуда имзо намояд.

19. Риояи Кодекси мазкур ҳангоми гузаронидани аттестатсия, баҳодиҳии фаъолият, иштирок дар озмун, таъин (интихоб) кардани корманд ба мансаб, бо мукофотҳо сарфароз гардонидан, таҳияи тавсифнома ё тавсиянома ва ҳангоми ба ҷавобгарии интизомӣ кашидан ба инобат гирифта мешавад.

20. Вайрон кардани талаботи Кодекс, агар дар таркиби он ҷиноят мавҷуд набошад, асос барои ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани корманд, аз ҷумла сарзаниш, танбеҳ, танбеҳи қатъӣ, ба мансаби паст гузаронидан ва аз вазифа озод намудан мегардад.

21. Ҳангоми дар амалу кирдорҳои корманди Хазина мавҷуд будани аломатҳои таркиби ҷиноят ё ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки баррасии онҳо салоҳияти дигар мақомоти давлатӣ мебошанд, он гоҳ маводи зарурӣ бо тартиби муқарраргардида ба мақомоти дахлдор фиристода мешаванд.

22. Назорати риояи Кодекси мазкур дар Хазина аз тарафи комиссия оид ба одоби хизматӣ ва этикаи кормандони Хазина (минбаъд - комиссия) амалӣ карда мешавад.

23. Комиссия бо фармони раиси Хазина аз ҳисоби кормандони Хазина, аъзои кумитаи иттифоқи касаба таъсис дода шуда, фаъолият менамояд. Ҷаласаҳои комиссия ҳангоми ошкор шудани ҳолатҳои вайрон гардидани талаботи Кодекси мазкур, дар асоси дастури роҳбарият, дархости (муроҷиати) корманд, муроҷиати хаттии шаҳрвандон доир мегардад.

## Боби 7. Муқаррароти хотимавӣ

24. Кодекс ба санадҳои меъёрии дохилии амалкунандаи Хазина мувофиқ мебошад. Ҳангоми таҳияи санадҳои меъёрии дохилӣ вобаста ба масъалаҳои бо ҳамин Кодекс пешбинигардида, муқаррароти Кодекси мазкур ба инобат гирифта мешавад.

25. Кодекси мазкур аз лаҳзаи аз ҷониби Шӯрои нозирони Хазина тасдиқ шудан мавриди амал қарор дода мешавад.

## Тасдиқнома

(аз ҷониби корманди Хазина ба имзо расонида мешавад)

Ман, ________________________________________ тасдиқ менамоям, ки:
(ному насаб)

- бо “Кодекси одоби хизматӣ ва этикаи кории кормандони Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон” ва талаботи он, аз он ҷумла оиди вайрон кардани талаботи Кодекси мазкур, ки асос барои татбиқ шудани чораҳои интизомӣ нисбати ман мегардад, шинос шудам ва нусхаи онро қабул кардам;
- уҳдадорам талаботи Кодекси мазкурро ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти меҳнатӣ пурра риоя намоям.

Имзои корманди Хазина ________________________

Ному насаби корманд ________________________

Сана ____________ с. 20____

Эзоҳ: Нусхаи аслии тасдиқнома дар парвандаи шахсии корманд нигоҳ дошта мешавад.